**Протоколи № 2**

мачлиси васеи шурои олимони факултети филологияи тоҷики МДТ-и «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров»

аз 30-юми сентябри соли 2022

**Иштирок доштанд:** ҷамъ 20 нафар – раис ва аъзоёни шурои олимони факултети филологияи тоҷик, муқарризони холиси экспертизаи давраи дуюми диссертатсия – доктори илми филология Ш.Солеҳов, номзади илми филология, дотсент Д.Раҳматова ва роҳбари илмии диссертатсияи баррасишаванда – доктори илми филология Н.Нуров

**Рӯзнома:**

1. Баррасии диссертатсияи докторант (PhD)-и кафедраи адабиёти классикии тоҷики факултети филологияи тоҷики МДТ-и «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» дар мавзуи «Ҳавзаи адабии Хуҷанд дар нимаи дуюми асри XVIII – аввали асри XX» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021400 – Адабиётшиносӣ (6D021403 – Таърихи адабиёт. Равобити адабӣ).

**Шунида шуд:**

Ҷаласаи васеи шурои олимонро раиси шурои олимони факултети филологияи тоҷик номзади илми филология, дотсент Тиллохоҷаева М.Н. оғоз намуд. Сараввал, ҳозиринро бо рӯзномаи ҷаласа шинос карда, иброз намуд, ки диссертатсияи Ҳомидова Шамсия Мирзорустамовна дар мавзуи «Ҳавзаи адабии Хуҷанд дар нимаи дуюми асри XVIII – аввали

асри XX» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021400 – Адабиётшиносӣ (6D021403 – Таърихи адабиёт. Равобити адабӣ) барои экспертизаи давраи дуюм (аз рӯйи талаботи Низомномаи нави Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон) ба анҷом расидааст.

Роҳбари илмии докторант д.и.ф, муовини директори Институти илмӣ-тадқиқотии илмҳои ҷомеашиносии МДТ «ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров» Нуров Нуралӣ Норович мебошад.

Мақсади экспертизаи давраи дуюм ба ҳимоя мувофиқ будан ё набудани диссертатсия, пешниҳоди он ба шурои дифоъ (агар мувофиқ бошад) барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021400 – Адабиётшиносӣ (6D021403 – Таърихи адабиёт. Равобити адабӣ) мебошад.

Баъди якдилона овоз додан ба оғози ҷаласа докторант Ҳомидова Ш. ҳозиринро бо муҳтавои диссертатсия – мубрамии мавзуи таҳқиқот, мақсад, вазифа, асосҳои назариявии таҳқиқот, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда дар мавзуи «Ҳавзаи адабии Хуҷанд дар нимаи дуюми асри XVIII – аввали асри XX» шинос кард.

**Мубрамӣ ва зарурати баргузории таҳқиқот** дар он зоҳир мешавад, ки дар давраи мавриди пажуҳиши мо, асосан се ҳавзаи бузурги адабиёти тоҷик дар ҳоли рушду нумуъ қарор дошт, ки адибон ва суханварони Хуҷанд асосан ба таркиби ҳавзаи адабии Хӯқанд шомил буданд. Вале таҳқиқи жарфтари рӯзгору осори шоирони ин давра баёнгари он аст, ки аксари онон қисми зиёди умр ва фаъолияти эҷодияшонро дар зодгоҳи худ гузаронида, муҳимтарин суннатҳои адабиёти гузаштаро тарвиҷу ташаккул додаанд. Махсусан, дар нимаи дуюми асри XVIII то ибтидои асри XX шоирони зиёде дар ин сарзамин зиндагонӣ ва эҷод намудаанд, ки ҳузури онон бешубҳа омили аслии идомаи падидаҳои адабии хоса як ҳавзаи адабии таърихӣ ба шумор меравад. Ҳарчанд, бархе бо сабабҳои

маълум ва номаълум тарки зодгоҳ намудаанд, чароғи шеъру маърифат бевосита бо шарафи оғоз ва ривоҷи эҷодиёташон ҳамеша фурӯзон буд.

**Мақсади таҳқиқот**. Мақсади аслии таҳқиқот баррасии муҳимтарин вежагиҳои ашъори суханварони ҳавзаи адабии Хуҷанд, вазъи адабӣ, анъанаҳои шеъри классикии тоҷикӣ ва ҷойгоҳи шуарои ин аҳд дар рушди шеъри тоҷикии нимаи дуюми асри XVIII то ибтидои асри XX ба шумор меравад. Дар рисола таҳлилу баррасӣ ва таҳқиқи суннатҳои шеъри тоҷикӣ, аз ҷумла анъанаҳои иншои ашъори дузабона, бедилгароӣ, идома бахшидан ба анвои шеъри форсӣ, татаббуъ ва назирагӯӣ, иҷтимоъгароӣ, таъсири шеъри классикии форсӣ ба ин доираи адабӣ дар назар аст.

**Вазифаҳои таҳқиқот.** Барои расидан ба ҳадафҳои аслӣ дар рисола саъй шудааст, ки корҳои зерин ба сомон расанд:

– баррасӣ ва таҳқиқи мухтасари авзои адабии Хуҷанд дар нимаи дуюми асри XVIII то ибтидои асри XX ва ҷойгоҳи шуарои номвари ин аҳд дар адабиёти тоҷик;

– муайян намудани равишҳои идомаи суннатҳои шеъри классикии форсии тоҷикӣ дар ҳавзаи адабии Хуҷанд;

– таҳқиқ дар заминаҳои зуҳур ва инкишофи муҳимтарин ҷараёнҳои адабии давр;

– идомаи суннатҳои адабии Бедил ва ҷойгоҳи шоирони пайрави ӯ дар миёни адибони ҳавзаи адабии Хуҷанд;

– баррасии мавзуъ, мундариҷа ва таркиби мероси адабии шоирон;

– пажуҳише дар сабки таълиф ва вежагиҳои ҳунарии ашъори шуарои хуҷандӣ;

– адибони зуллисонайн ва бардошти онҳо аз шуарои форс-тоҷик;

– рушди анвои шеъри форсӣ дар доираи адабии Хуҷанд;

–шеваи бозгашти адабӣ ва унсурҳои он дар таркиби ашъори шоирони ин давраи адабиёти ҳавзаи адабии Хуҷанд ва ғайра.

Масъалаҳои дар таҳқиқот баррасишуда бо барномаҳои мавзуъҳои таҳқиқоти илмӣ робитаи устувор дошта, он дар доираи «Барномаи

дурнамои корҳои илмӣ-тадқиқотии кафедраи адабиёти классикии тоҷик барои солҳои 2016-2020: Матншиносӣ, таҳияву тасҳеҳ ва нашри осори адабӣ»-и факултети филологияи тоҷики МДТ-и «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» анҷом ёфтааст.

**Асосҳои назариявии таҳқиқот**ро комёбиҳо ва принсипҳои пажуҳиши муҳаққиқони хориҷиву ватанӣ, мисли Э.Браун, Е.Бертелс, А.Г.Маонӣ, С.Нақавӣ, А.Зарринкӯб, А.Мирзоев, И.Брагинский, Р.Ҳодизода, А.Абдуллоев, Н.Маъсумӣ, С.Саъдиев, С.Воҳидов, С.Амирқулов, У.Каримов, А.Сатторзода, Х.Шарифов, А.Насриддин, Н.Салимӣ, М.Хоҷаева, Н.Нуров ва дигарон ташкил медиҳад.

Маводи таҳқиқотро осори шуарои Хуҷанди нимаи дуюми асри XVIII то ибтидои асри XX дар бар гирифта, он дар асоси дастхатҳову девонҳо, баёзҳову феҳристҳо ва тазкираву осори таҳқиқӣ гирдоварӣ шудааст. Аз ҷумла, 2 нусхаи девони Шӯхӣ, ки яке таҳти №2313 ва дигаре таҳти №863-II ва 1 нусхаи девони Нозил таҳти №1033, ки дар Маркази мероси хаттии АМИТ маҳфузанд, ҳамчунин, баёзи №1003 маҳфуз дар ганҷинаи дастхатҳои АИ ҶТ ва баёзи Фавзӣ мавриди истифода қарор гирифт.

Диссертатсия аз се боби ба ҳам марбут иборат аст.

Боби аввал «Муҳити илмиву адабӣ ва фарҳангии Мовароуннаҳр аз нимаи дуюми асри XVIII то ибтидои асри XX» унвон дошта, муҳимтарин матлабҳои он дар доираи чор фасл, аз ҷумла: «Ҳаёти адабии Мовароуннаҳр аз нимаи дуюми асри XVIII то ибтидои асри XX ва сарчашмашиносии омӯзиши он»; «Мавзуъ, муҳтаво ва ғояҳои асосии эҷодиёти шоирони ҳавзаи Хуҷанд»; «Ривоҷи адабиёти дузабона»; «Мақоми бонувони суханвар дар инкишофи адабиёти давр» мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд.

Дар боби дуюм, ки «Таҳаввули жанрҳои адабӣ» ном дорад, «Жанрҳои хурди ғиноӣ» (яъне хусусиятҳои жанрии ғазал, рубоӣ, қитъа, мустазоду фард), «Жанрҳои бузурги ғиноӣ» (яъне хусусиятҳои жанрии қасида, мухаммас, мусаддас, тарҷеъбанд ва баҳри тавил) ва «Анвои

дигари адабӣ» (амсоли маснавӣ ва таълифоти мансур) ба риштаи таҳқиқ кашида шудаанд.

Дар боби сеюм «Хусусиятҳои поэтикии ашъори суханварони ҳавзаи адабии Хуҷанд» ба монанди «Таъсири поэтикаи шеъри Бедил ба шоирони ҳавзаи адабии Хуҷанд»; «Баррасии ҷараёни бозгашти адабӣ ҳамчун падидаи ҳунарӣ»; «Заминаҳои зуҳури падидаҳои шеъри нав» ва «Вежагиҳои ҳунарӣ ва шеваҳои корбурди саноеи бадеӣ» баён шудаанд.

Амалисозиии ҳамаи ин бобу бандҳо дар қисмати «Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда»-и диссертатсия ифода ёфта, дар хулосаи бобҳо ва хулосаи ҷамъбастии диссертатсия баён гардидааст.

Дар бораи **навгони**и рисола докторант иброз дошт, ки дар рисола бори нахуст масъалаҳои поэтикаи ашъор, идомаи анъанаҳои шеъри классикии форсӣ, аз ҷумла, бедилгароӣ, назирагӯӣ, дарёфти падидаҳои «шеъри нав» ва баррасии ҷараёни адабиёти дузабона, бо диду назари нав дар назми доираи адабии Хуҷанд мавриди баррасӣ қарор гирифт.

Ҳамчунин, дар рисола чанд нафар шоирони камомӯхта ва нав, ки дар заминаи омӯзиши сарчашмаҳои дигар маълум шуд, муаррифӣ шудааст.

Муҳтавои диссертатсия дар 12 мақола, аз ҷумла, 4 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи КОА (Комиссияи олии аттестатсионӣ)-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, интишор ёфтааст.

Дар охир, докторант Ҳомидова Ш. хулосаҳои умумӣ (15 банд) ва тавсияҳо барои истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот (3 банд)-и диссертатсиониашро ба самъи иштирокдорони ҷаласа манзур кард.

Пас аз маърӯзаи докторант Ҳомидова Ш. суолу ҷавоб сурат гирифт. Ба докторант суолҳои зерин дода шуданд:

1. **Савол:** профессор Матлубаи Мирзоюнус – Пас аз сексияи адабиётшиносӣ чӣ корҳоро анҷом додед?

2. **Савол:** профессор Матлубаи Мирзоюнус – Аз ашъори Қутбинисо-оя, ки бори аввал муаррифӣ менамоед, намуна оред.

**Ҷавоб:** Ташаккур барои саволҳо, дар мавриди саволи якум ҳаминро гуфтаниям, ки пас аз сексияи адабиётшиносӣ, бо пешниҳоди д.и.ф., профессор Ф.Насриддинов зиёда аз 15 феҳристи нусхаҳои хаттии китобхонаҳои гуногун омӯхта шуда, нусхаҳои хаттии девони шоирони мавриди назар ва як шоири нав – Ғозии Хуҷандӣ аз Феҳристи дастнависҳои шарқии АМИТ ҷ.9. – с.91-92 муаррифӣ гардид. Ҳамчунин, фасли «Ривоҷи адабиёти дузабона» бо пешниҳоди З.Ӯлмасова тақвият ва камбудиву ғалатҳои китобативу имлоӣ, ки дар матни рисола ва автореферат нишон дода шуда буданд, ислоҳ карда шуд.

Нисбати саволи **дуюм** гуфтаниям, ки, бино ба маълумоти дастрасшуда дар ҳавзаи адабии Хуҷанд дар нимаи дуюми асри XVIII то аввали асри XX 9 бонуи сухунвар зиндагӣ ва фаъолият намудаанд. Яке аз онҳо Қутбинисо-оя мебошад, ки соли 1872 дар деҳаи Хистеварз дар оилаи Муҳаммад Зоҳир Охун – донишманд, мактабдор ва маърифатпарвари деҳа таввлид ёфтааст. Қутбинисо ҳаёти вазнин ва пур аз дарду ранҷро паси сар кардааст, ки ашъораш далели ин гуфтаҳост:

*Мани ovораи маҷнуни ҳайрон мондаам танҳо,*
*Ҷудо аз ёри худ, аз ҳамнишинон мондаам танҳо.*
*Надорам як рафиқи ҳамдаме аз ҳоли ман пурсад,*
*Дар ин саҳрои ғам бо доғи ҳиҷрон мондаам танҳо.*

3. **Савол:** профессор Ҳасанзода Абдуҷамол. – Дар таҳқикоти хеш оё аз корҳои илмии забоншиносон низ истифода намудед?

**Ҷавоб:** Ташаккур, устод. Албатта, мо дар диссертатсия аз таҳқиқоти забоншинос М.Олимҷонов дар мавриди корбурди калимаҳои мураккаби бисёрҷузъа, ки дар фасли якуми боби сеюми рисола дар мавриди «Таъсири поэтикаи шеъри Бедил ба шоирони ҳавзаи адабии Хуҷанд» истифода намудем.

4. **Савол:** дотсент Мавлонов А. – Дар мавриди Фахрии Хуҷандӣ киҳо таҳқиқ намудаанд?

**Ҷавоб:** Фахрии Хуҷандӣ яке аз шоирони давраи мавриди назари мо буда, бештар шеърҳои танқидӣ навиштааст. Маҷмуаи шеърҳои шоир

соли 1964 аз тарафи Раҳим Ҷалил ва Раҳим Тошматов мураттаб гардидааст. Ҳамчунин, дар ҷилди сеюми ЭАСТ мақолаи муҳаққиқ Саидумари Султон омадааст, ки дар бораи шоир ва ашъори ӯ маълумот медиҳад.

Баъд аз саволу ҷавоб тақризи муқарризи холис Шамсиддин Солеҳов – д.и.ф., мудири кафедраи назария ва таърихи адабиёти Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ аз ҷониби котиби шурои олимони факултети филологияи тоҷик н.и.ф., дотсент Иноят Қосимова ироа гардид.

**Матни тақризҳо ба шакли замима оварда шудааст.**

**Гузориши муқарризи холис Солеҳов Ш.А.:**

Диссертатсияи Ҳомидова Шамсия Мирзорустамовна дар мавзуи «Ҳавзаи адабии Хуҷанд дар нимаи дуюми асри XVIII – аввали асри XX» таҳқиқоти тозае дар адабиётшиносии тоҷик ба шумор рафта, бори аввал дар он муҳити адабии шаҳри Хуҷанд аз нимаи дуюми асри XVIII то нимаи аввали асри XX ҳамчун ҳавзаи адабӣ баррасӣ шудааст. Диссертант дуруст масъалагузорӣ мекунад, ки ҳарчанд дар ин давра бештари шоирони муқими ин шаҳр тобеи ҳавзаи адабии Хӯқанд буданд, аммо пайвандҳои адабиву сабкӣ, умумиятҳои фаровони мавзуиву ҳунарӣ дар миёни эҷодиёти онҳо омил мегардад, ки мо вежагиҳои ашъори онҳоро ҳамчун шоирони як ҳавзаи адабӣ ба риштаи таҳқиқ кашем. Барои исботи андешаҳои худ ба назариёти донишманди соҳибноми тоҷик, муаллифи «Тазкираи шоирони Хуҷанд» профессор Абдулманнони Насриддин такя мекунад, ки шаҳри Хуҷандро яке аз марказҳои куҳантарини рушди адабиёти тоҷик унвон кардаанд. Ҳарчанд сарчашмаи асосии таълифи рисолаи докторант Ҳомидова Шамсия Мирзорустамовна тазкираи мазкур ба шумор меравад, аммо кӯшишу ҷустуҷӯҳои дар феҳристҳо, нусхаҳои хаттӣ, баёзҳо ва сарчашмаҳо имконият додааст, ки шахсияти чанд тан аз шоирони дигари ин асрро дар мисоли Мунирхон Муинзодаи Хуҷандӣ, Ғозии Хуҷандӣ, Ҳумулии Хуҷандӣ, Қутбинисои Хуҷандӣ ва дигаронро муқаррар ва намунаҳои

ашъори онҳоро пайдо ва дар диссертатсияи хеш муаррифӣ ва таҳқиқ намояд.

Дар умум, дар рисола вежагиҳои поэтикӣ ва мавзуии 60 нафар шоирони ҳавзаи адабии Хуҷанд дар давраи мавриди таҳқиқ баррасӣ шудаанд. Арзиш ва аҳаммияти илмии дигари рисола дар он зоҳир мешавад, ки дар он чанд масъалаи муҳимми марбут ба ҳавзаи адабӣ, вазъияти адабиёти давр, ҷараёнҳои адабӣ, таҳаввули жанрҳои адабӣ, поэтика ва сабки сухани шоирон мавриди пажуҳиш қарор гирифта, бар ин асос диссертант мактаби пайравони Бедил, маорифпарварӣ, зуҳури падидаҳои шеъри навро ҳамчун равандҳои пешқадами адабиёти ин давра таҳқиқ намуда, вежагӣ ва сабабҳои инкишофи адабиёти дузабонаро низ муқаррар намудааст. Дар фасли алоҳидаи диссертатсия баррасӣ шудани вежагиҳои ашъори 9 нафар бонуи суханвари ҳавзаи адабии Хуҷанд низ як самти тозаи таҳқиқоти мазкур ба шумор меравад, ки аз ҷумла намунаҳои ашъори 1 нафари онҳо ба кӯшиши диссертант дарёфт шудаанд.

Диссертатсия дорои муҳассаноти зиёде мебошад, ки маҳсули ҷустуҷӯҳои илмии муҳаққиқи ҷавон буда, истиқлоли назари вайро дар шинохти масъалаҳои мубрами адабиётшиносӣ муқаррар месозанд. Истифода аз нусхаҳои хаттии шоирони мавриди таҳқиқ, аз ҷумла Шӯхии Хуҷандӣ, Нозили Хуҷандӣ, Воқифи Хуҷандӣ, дастнависҳои шахсии чанд тан аз шоирони дигар воқеан арзиш ва аҳаммияти таҳқиқотро боло бурда, далолат бар он мекунанд, ки муҳаққиқи ҷавон кор бо матнҳои аслӣ ва сарчашмаҳои дасти аввалро хуб медонад ва аз ин мавод ба таври зарурӣ дар такмили таҳқиқоти хеш истифода кардааст.

Маводи диссертатсия, хулосаҳои аз таҳқиқот бадастомадаро дар оянда барои таҳқиқи алоҳидаи рӯзгору осори ҳар яке аз ин суханварон, авзои адабиёти давраи мавриди таҳқиқ, сабкшиносӣ ва масоили марбут ба поэтикаи шеъри замон, инчунин ҷараёнҳои адабӣ ва таҳаввули жанрҳо метавон истифода бурд.

Барои такмили таҳқиқоти анҷомёфта ва боз ҳам афзудани арзишу аҳаммияти он чанд пешниҳоди хешро манзур медорем.

Тавсия менамоем, ки дар оянда диссертант таҳқиқи куллии ҳавзаи адабии Хуҷанд аз даврони қадим то асри имрӯзро идома дода, барои таҳияи такмилаи «Тазкираи шоирони Хуҷанд», ки яке аз ҳадафҳои аслии худи муаллифи шодравони ин асари арзишманд профессор Абдулманнони Насриддин ба шумор мерафт, иқдом намояд. Дар баробари ин, пажуҳиш дар ин замина метавон заминаҳо дар эҷоди як асари муҳимми илмии марбут ба таърихи адабиёти тоҷик дар ҳавзаи адабии Хуҷанд низ омил гардад.

Ба андешаи мо, агар диссертант масъалаи идомаи суннатҳои хоси ҳавзаи адабии Хуҷанди мавриди таҳқиқро дар шеъри шоирони имрӯзи ин муҳити адабӣ низ мавриди пажуҳиш қарор медод, сатҳи илмии диссертатсия боз ҳам боло мерафт. Маълум аст, ки ҳавзаи адабии Хуҷанд имрӯз низ яке аз марказҳои пурқуввати шеъри муосири тоҷик эътироф гардидааст ва бегумон заминаҳои онро бояд аз ҳамин даврон низ ҷустуҷӯ намуд.

Албатта, ин пешниҳодоти моро диссертант метавонад дар оянда барои пажуҳишҳои минбаъдаи хеш ба эътибор бигирад.

Ба ин тариқ, диссертатсияи докторант Ҳомидова Шамсия Мирзорустамовна дар мавзуи «Ҳавзаи адабии Хуҷанд дар нимаи дуюми асри XVIII – аввали асри XX» ба талаботи бандҳои 31-33 Тартиби додани дараҷаи илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ гардидааст, мутобиқ буда, мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия бо ихтисоси 6D021400 – Адабиётшиносӣ (6D021403 – Таърихи адабиёт. Равобити адабӣ) мувофиқ аст. Дар баробари ин, метавон қайд кард, ки мавзуи интихобгардида ба яке аз масъалаҳои муҳимми адабиётшиносии тоҷик ихтисос ёфта, дар он навгониҳои зиёди илмӣ ҷой доранд, ки ҳамаи онҳо, саҳми шахсии довталабро дар таҳқиқу баррасии мавзуъ муқаррар месозанд.

Диссертант аз рӯйи мавзуи илмии хеш 12 мақолаи илмӣ ба нашр расонидааст, ки аз ҷумлаи онҳо 4 тоаш дар маҷаллаҳои илмии тақризшаванда ба нашр расидаанд. Аз ин мақолоти чопшуда дар маҷаллаҳои тақризшаванда 1 адади он бо забони англисӣ мебошад, ки ин дастоварди муҳим ба шумор меравад.

Диссертатсия ва автореферат мутобиқи талаботи муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия ва ба расмият дароварда шудаанд. Бар ин асос метавон изҳор дошт, ки диссертант Ҳомидова Шамсия Мирзорустамовна барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021400 – Адабиётшиносӣ. (6D021403– Таърихи адабиёт. Равобити адабӣ) шоиста мебошад. Вобаста ба ин пешниҳод менамоям, ки диссертатсияи докторант (PhD) Ҳомидова Шамсия Мирзорустамовна дар мавзуи «Ҳавзаи адабии Хуҷанд дар нимаи дуюми асри XVIII – аввали асри XX» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021400 – Адабиётшиносӣ. (6D021403– Таърихи адабиёт. Равобити адабӣ) ба шурои диссертатсионии 6D.KOA-037-и назди МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» барои ҳимоя тавсия карда шавад.

**Гузориши муқарризи холис Раҳматова Д.А.:**

Рисолаи Ҳомидова Шамсия Мирзорустамовна ба яке аз масъалаҳои муҳимми адабиётшиносии тоҷик бахшида шуда, интихоби мавзуъ актуалист, зеро ашъори шоирони ҳавзаи адабии Хуҷанд, аз ҷумла осори шоирони давраи мавриди таҳқиқи диссертант аз масъалаҳои ба таври зарурӣ омӯхтанашудаи адабиётшиносии тоҷик боқӣ монда, баррасии он барои шинохти бештари ин ҳавзаи адабӣ ва мақоми суханварони он дар рушди адабиёт мусоидат хоҳад кард.

Навгонии таҳқиқ дар он зоҳир мешавад, ки докторант масъалаи падидаҳои ҳунарӣ ва поэтикаи ашъори шоирони ҳавзаи адабии Хуҷанд, идома ва рушди анъанаҳои шеъри классикии форсӣ-тоҷикӣ, заминаҳои

зуҳури «шеъри нав», ҷараёнҳои адабӣ, сабку услуб, тазмину назира ва корбурди истилоҳоту образҳои мушобеҳро бо шуарои мутақаддам бо диду назари нав дар назми ҳавзаи адабии Хуҷанд мавриди баррасӣ қарор додааст.

Муаллиф дар таҳқиқи илмии худ бештар равишҳои муқоисавӣ-таърихӣ, оморӣ ва тавсифиро мавриди истифода қарор дода, ҳамчунин ба осори илмӣ ва методҳои фардии адабиётшиносони хориҷиву ватанӣ (Э.Браун, Е.Бертелс, А.Г.Маонӣ, И.Брагинский, А.Мирзоев, Р.Ҳодизода, А.Абдуллоев, С.Саъдиев, С.Амирқулов, У.Каримов, А.Сатторзода, Х.Шарифов, А.Насриддин ва диг.) такя кардааст.

Сохтори рисола аз муқаддима, се боб, ёздаҳ фасл, хулоса ва рӯйхати адабиёт иборат мебошад.

Дар муқаддимаи рисола роҷеъ ба зарурати таҳқиқ, дараҷаи азхудшавӣ ва заминаҳои назариявию методологӣ, мақсад, вазифа ва усулҳои таҳқиқ, навовариҳо, аҳаммияти назариявию амалӣ, нуктаҳои ҳимояшаванда, мутобиқати диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ саҳми шахсии довталаб, таъйиди диссертатсия ва иттилоот оид ба истифодаи натиҷаҳои он, интишорот ва сохтору ҳаҷми рисола маълумот дода шудааст.

Дар боби аввал зери унвони «Муҳити илмиву адабӣ ва фарҳангии Мовароуннаҳр аз нимаи дуюми асри XVIII то ибтидои асри XX» муаллиф ҳаёти адабии Мовароуннаҳр дар нимаи дуюми асри XVIII то ибтидои асри XX ва сарчашмашиносии он, мавзуъ, муҳтаво ва ғояҳои асосии эҷодиёти шоирон, ривоҷи адабиёти дузабона ва саҳми бонувон дар рушди адабиёти даврро мавриди омӯзиш қарор додааст.

Боби дуюми рисола «Таҳаввули жанрҳои адабӣ» ном дошта, муаллиф дар доираи се фасл хусусиятҳои жанрии ғазал, мухаммас, рубоӣ, қасида, қитъа, маснавӣ, мустазоду тарҷеъбанд, фардбайт, баҳри тавил ва таълифоти мансурро ба риштаи таҳқиқ кашидааст.

«Хусусиятҳои поэтикии ашъори суханварони ҳавзаи адабии Хуҷанд» – боби сеюм буда, унвонҷӯ дар чор фасл ба таври мушаххас

таъсирпазирии шуарои Хуҷанди давраи мавриди назарашро аз Бедил ва дигар намояндагони сабки ҳиндӣ, ҳамчунин таъсирпазирӣ аз Ҳофиз, Камол, Ҷомӣ ва дигарон, заминаҳои зуҳури «шеъри нав» ва корбурди саноеи бадеиро мавриди таҳлилу баррасӣ қарор додааст.

Дар интиҳо муаллиф аз таҳқиқи анҷомпазируфта хулосаҳои муҳимми баровардаашро дар ду қисм: дар қисмати аввал натиҷаҳои асосии илмии бадастомада (дар доираи 15 банд) ва дар қисмати дуюм тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳоро дарҷ намудааст.

Дар маҷмуъ, рисола бо забони илмӣ таълиф шуда, андешаронӣ, сабки баён, таҳлилҳо ва натиҷагириҳои муаллиф мушаххасу дақиқанд. Муаллиф аз сарчашма ва адабиёти назариявӣ хуб истифода намуда, барои тақвияти андешаҳояш дар мавридҳои зарурӣ иқтибос овардааст. Дар саросари рисола барои расидан ба ҳадафи асосии таҳқиқ муаллиф ба ҷанбаи омории осори мавриди таҳқиқ диққат дода, ба мақсадҳои муқаррарнамудаи худ муваффақ гардидааст.

Бо вуҷуди муваффақияту дастовардҳо дар рисола баъзе нуқсонҳо ҷой доранд, киислоҳи онҳо ба манфиати кор хоҳад буд:

1. Дар доираи омори бадастомада дар мавриди шоирони давр маҳдуд шудан чандон дуруст нест, зеро доираи мавзуи мавриди таҳқиқ васеъ буда, дар ҳоли ҷустуҷӯ ва омӯзиши чуқур метавон боз симоҳои навро пайдо кард;
2. Хуб мешуд, ки дар муқаддима навгониҳои тадқиқот тавассути рақамгузорӣ мушаххасан нишон дода шаванд;
3. Дар матни диссертатсия ва автореферат чанд ғалати имлоиву китобатӣ ба мушоҳида мерасанд, ки дар ҳошияи онҳо нишон дода шудаанд.

Камбудиҳои ишорашуда арзиши таҳқиқи анҷомёфтаро кам намесозанд ва онҳо ислоҳпазир буда, ба осонӣ бартараф хоҳанд шуд.

Ҳамин тавр, диссертатсияи Ҳомидова Шамсия Мирзорустамовна таҳти унвони «Ҳавзаи адабии Хуҷанд дар нимаи дуюми асри XVIII – аввали асри XX» ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, барои ҳимоя дар шурои диссертатсионии

6D.КОА-037-и назди МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» тавсия карда шавад.

**Суханронии роҳнамои илмии докторант д.и.ф. Нуров Нуралӣ Норович:** Рисолаи докторант Ҳомидова Шамсия Мирзорустамовна дар сексияи адабиётшиносии назди шурои диссертатсионӣ мавриди баррасӣ қарор дошт. Дар муҳокимаи он олимони факултети шарқшиносӣ ва кафедраҳои адабиёти классикӣ ва муосири факултети филологияи тоҷик иштирок карда, дар такмили диссертатсия пешниҳодҳо намуданд, аз рӯйи пешниҳоди онҳо докторант хеле ҷиддӣ кор карда, хатову камбудиҳоиислоҳпазирро мавриди ислоҳ қарор дод. Ман ҳамчун роҳнамои илмӣ диссертатсияро ба дифоъ пешниҳод менамоям.

Дар фарҷоми муҳокима бо назардошти пешниҳодоти иштирокчиён аъзои ҷаласа

**ҚАРОР ҚАБУЛ КАРД:**

1. Диссертатсияи Ҳомидова Шамсия Мирзорустамовна дар мавзуи «Ҳавзаи адабии Хуҷанд дар нимаи дуюми асри XVIII – аввали асри XX» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021400 – Адабиётшиносӣ (6D021403 – Таърихи адабиёт. Равобити адабӣ) кори илмии анҷомёфта ҳисобида шавад;
2. Бо назардошти ислоҳи камбудиҳои ҷойдошта барои ҳимоя дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА – 037 назди МДТ-и «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» оид ба дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021400 – Адабиётшиносӣ (6D021403 – Таърихи адабиёт. Равобити адабӣ) пешниҳод карда шавад.

Қарор дар ҷаласаи васеи шурои олимони факултети филологияи МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» қабул карда шудааст.

Дар ҷаласа 20 нафар иштирок доштанд.

Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» – 20 нафар, «зид» – нест, «бетараф» – нест.

Протоколи №2 аз 30-юми сентябри соли 2022.

Қарор якдилона қабул шуд. Бо ҳамин маҷлис хотима ёфт.

**Раиси маҷлис, н.и.ф., дотсент: Тиллохоҷаева М.Н.**

**Котиби маҷлис, н.и.ф., дотсент: Қосимова И.Т.**

**«Имзоҳои М.Н. Тиллохоҷаева ва И.Т. Қосимоваро тасдиқ мекунам».**
**Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси**
**МДТ-и «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд**
**ба номи академик Бобоҷон Ғафуров»: Наврӯзов Э.М.**

**Маълумот барои тамос:**
**Суроға: 735700 Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Хуҷанд,**
**гузаргоҳи Б. Мавлонбеков 1.**
**Тел.: (+992) 900420202**
**E-mail: n.ehson@mail.ru**